Ба Шӯрои диссертатсиониии 6D.КОА-004-и
Назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо
сурогаи: 734025,шаҳри Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 17

# Такриз

**ба автореферати Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзӯи «Такмили идоракунии рушди соњибкории хурду миёна дар маљмааи мењмонхонањо (дар мисоли Љумњурии Тољикистон)»ки барои дарёфти дараҷаи номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯи иҳтисоси, 08.00.05.-иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ: (менеҷмент).**

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ташаббусҳои соҳибкорӣ дар соҳаи бизнеси хурду миёнаи меҳмонхонавӣ оғоз гардид. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити муосир соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонаи мамлакат хеле бомуваффақият ва самаранок барзиёдии тақозоро ба хизматрасониҳо доир ба ҷобаҷокунии сайёҳон дар минтақаҳои асосии сайёҳии мамлакат ҷуброн менамояд. Ғайр аз ин, дар даҳсолаи охир соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо хеле фаъолона бо хоҷагиҳои меҳмонхонавии бузург рақобат намуда истодааст.

Қайд намудан муҳим аст, ки омили натиҷабахши соҳибкории хурду миёна дар маҷмааҳои меҳмонхонавии мамлакат аҳамияти зиёди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, ҳамчун истеъмолкунандагони ниҳоии маҳсулоти истеҳсолкунандагони ватанӣ ва ҳам корфармои бузург мебошад.

Дар автореферат муаллиф қайд менемояд, ки равиши методӣ доир ба таҳияи стратегияи идоракунии иқтидори кадрии маҷмааи меҳмонхонавӣ пешниҳод гардидааст, ки моҳияти он дар муназзамкунӣ ва мураттабсозии унсурҳои асосии зерин ифода меёбад, асосҳои назариявӣ-методии идоракунии иқтидорӣ кадрӣ, ташхиси стратегӣ (баҳодиҳии таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба иқтидори кадрӣ, баҳодиҳии ҳолати иқтидори кадрӣ, ки фарогири тавсифҳои сифатӣ ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ аст), таҳлили стратегии иқтидори кадрӣ (муайянсозии рақобатпазирии иқтидори кадрӣ,

муқаррарсозии мутобиқати иқтидори кадрӣ ва имконоти молиявии таъмини он тибқи стратегияи интихобшудаи инкишофи маҷмааҳо), таҳияи стратегияҳои ангезишдиҳӣ ва ҳавасмандкунӣ. Татбиқи равиши мазкур тавассути баланд бардоштани сифати фароҳамсозӣ ва истифодаи иқтидори кадрӣ самаранокии идоракунии маҷмааи меҳмонхонавиро таъмин менамояд, ки ҳамаи инро Қурбонов Ё.С. дар автореферати худ пурра дарҷ намудааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат камбудиҳо низ мавҷуданд, ки аз ҷумлаи онҳо ин:

1. Муаллиф дар саҳифаи 16-уми автореферат оиди захираҳои бузурги стратегии сайёҳиро қайд намудааст, ки то андозае барои хонанда фаҳмо нест.

2. Дар саҳифаи 13 муаллиф оид ба сатҳи таваккал дар раванди хизматрасонии меҳмонхонавӣ ибрози андеша намудааст, то андозае сатҳи таваккал дар бозори хизматрасонӣ мавриди омузиш қарор нагирифтааст.

Камбудӣ ва норасоиҳои номбаргардида қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хислати пешниҳодӣ (ё маслиҳатӣ) доранд.

Автореферати рисолаи номзадӣ мақсад ва муҳтавои таҳқиқотро пурра дар бар мегирад. Аммо эродҳои гирифташуда хислати ҷузъӣ дошта, баҳои умумии мусбии корро тағйир намедиҳанд.

Хулоса, автореферати рисолаи диссертатсионии Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзӯи **«Такмили идоракунии рушди соњибкории хурду миёна дар маљмааи мењмонхонањо (дар мисоли Љумњурии Тољикистон)»**, ки барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.- "иқтисодиёт ва идораи хоҷагии халқ" менеҷмент пешниҳод шудааст ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
Мудири кафедраи туризм,хизмат ва экологияи
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Асророва З.И.
27.12.2019

Имзои Асророва З.И.,-ро тасдиқ мекунам.
сардори шуъбаи кадри Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Алиев.А.Д.
27.12.2019

Суроға 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, кӯчаи М.Турсун-Зода 30,
rtsu-1996@mail.ru